БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# Шарҳи моҳонаи таваррум•Августи 2017

**Тавре ки интизор гардида буд, дар моҳи августи соли равон сатҳи таварруми солона нисбат ба моҳи июл (8,9%) ба андозаи назаррас поён рафта, ба 7,7 фоиз баробар шуд. Ҳамзамон, бо арзёбии моҳона таваррум бо нишондоди манфӣ ҷамъбаст гардида, -0,3%-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузаша 1,1 б.ф. кам мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба чанд соли охир пасттарин ба ҳисоб меравад.**

Омилҳои асосии таъсиррасон ба коҳишёбии сатҳи таваррум аз мӯътадилгардии нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, бахусус сабзавот дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили нав ва афзоиши пешниҳоди он, инчунин сиёсати фоизии зиддитаваррумии монетарӣ, вазъи боэътидоли бозори дохилии асъор ва қурби асъор иборат буданд.

Пуёи афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ нишон медиҳад, ки саҳми маҳсулоти ғайрихурокворӣ ва хизматрасониҳо дар таварруми ҳосилшуда тамоюли муқаррарии худро чун даврахои пешин идома дода, саҳми маҳсулоти хӯрокворӣ бошад, аз ҳисоби таъсири назарраси омили таклифот ва ба мувозинат омадани бозори дохилӣ, ки чанде пеш вобаста ба коҳишёбии истеҳсол ва пешниҳоди ками маҳсулоти алоҳидаи хӯрокворӣ болоравии сатҳи нархҳо боис гардида буд, раванди коҳишёбӣ дошт.

**Раванди афзоиши таварруми солона муваққатӣ ва гузаранда арзёбӣ гардида, сатҳи он дар давраи кӯтоҳмуддат, яъне то охири соли ҷорӣ дар доираи нишондиҳандаи мақсаднок ва ҳудуди эътимоднокии (7,0% ± 3)* ҷамъбаст хоҳад ёфт.**

Бонки миллии Тоҷикистон сиёсати пулию қарзии шаффоф ва пайгиронаро амалӣ намуда истодааст, ки он тавассути истифодаи фишангҳои монетарӣ ва асъорӣ, пеш аз ҳама меъёри бозтамвил ба танзими ҳаҷму арзиши пул ва бартараф намудани таъсири фишорҳо ба сатҳи нархҳо ва ба ин васила ноил гардидан ба ҳадафи мақсадноки таваррум равона мегардад.

**Сатҳи таварруми аслӣ* дар моҳи августи соли ҷорӣ, бо нишондоди манфӣ ҷамъбаст гардида, бо арзёбии солона ба 1,9% (-0,1% м/м)[2] баробар шуд.** Ба раванди мазкур бо назардошти нисбатан мӯътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ (нон ва маҳсулоти нонӣ, гӯшт ва маҳсулоти он, шир ва маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва ҳайвонот), ғайрихӯрокворӣ (маводи шустушӯй, васоити нақлиёт ва доруворӣ) ва хизматрасониҳои дар таварруми

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории он дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Дурнамои таварруми солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла, хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки поёнравии нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ дар моҳи августи соли ҷорӣ нисбат ба моҳи қаблӣ назаррас мебошад.** Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархҳои маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби коҳишёбии моҳонаи нархи картошка (-6,8% м/м ё 1,8 маротиб с/с), пиёз (-21,9% м/м ё 2,8 маротиб с/с), сабзӣ (-15,5% м/м ё 103,4% с/с), карам (-1 8,2% м/м ё 1.3 маротиб с/с) ва помидор (-6,1% м/м ё -1,1 маротиб с/с) ба амал омад. Дар баробари ин, нархҳои гуногуни гурӯҳи хӯрокворӣ, аз қабили орд, тухм, мевагӣ, шакар ва ғайра дар моҳи август раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Нархи маводи сӯзишворӣ** дар моҳи август раванди нисбатан болоравӣ дошт (2,9% м/м ё 12,6% с/с), ки аз коҳишёбии воридоти он бинобар омилҳои мавсимӣ арзёбӣ мегардад, ки омили мазкур мувaққатӣ ва кӯтоҳмуддат буда, баъд аз ба анҷом расидани корҳои профилактикӣ дар кишварҳои содиркунандаи маводи сӯзишворӣ нархи он ба мувозинати қаблии худ бар мегардад.

**Нархи хизматрасониҳои маъмурӣ** дар моҳи август дар маҷмуъ нисбат ба моҳи қаблӣ каме афзоиш ёфта, бо нишондиҳандаи мусбӣ (6,6% м/м) ҷамъбаст гардид. Дар сохтори он арзиши хизматрасониҳои нақлиётӣ аз ҳисоби қиматшавии нархи чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Душанбе-Москва (28,8% м/м ё 27,9% с/с) назаррас буд. Ҳамзамон, аз таъсири омилҳои кӯтоҳмуддат арзиши чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Душанбе-Хуҷанд (0,0% м/м ё -24,3% с/с) раванди коҳишёбӣ доштанд.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома хоҳад дод.**

**Таваррми аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррми ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1]- с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)

**Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсаднокӣ таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.*

**- Таваррми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

**Намояи нархҳои истеъмолӣ**

| | | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | Август, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | | | | |
| | Вазн,% | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **9,0** | **8,9** | **7,7** | **-0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **12,3** | **12,2** | **10,2** | **-1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | -1,4 | -1,9 | -1,9 | 0,1 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | -13,9 | -13,3 | -12,9 | 1,1 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 1,5 | 0,8 | 0,9 | -0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | 12,4 | 14,2 | 12,8 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 15,1 | 16,9 | 14,7 | 0,4 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | 8,9 | 2,2 | 0,6 | -1,6 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | 4,0 | 3,6 | 4,3 | 1,4 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | 4,7 | 3,7 | 4,8 | 2,1 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 5,0 | 4,1 | 4,5 | 0,6 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | -6,0 | -13,8 | -8,0 | 6,3 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 79,5 | 77,5 | 58,6 | -11,1 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 3,9 | 12,5 | 7,8 | -4,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 5,9 | 5,5 | 5,1 | 0,3 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **14,3** | **14,3** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **8,1** | **6,7** | **6,8** | **1,1** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **3,9** | **3,8** | **3,8** | **0,7** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 9,4 | 9,5 | 9,1 | 0,4 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,9 | 0,4 | 2,2 | 0,9 |
| Моводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 2,6 | 3,5 | 3,5 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 4,1 | 4,1 | 3,5 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | 18,4 | 15,6 | 12,6 | 2,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 5,2 | 6,0 | 8,4 | 2,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **6,0** | **5,6** | **5,3** | **2,5** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | 11,9 | 11,4 | 10,7 | 1,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 16,5 | 16,8 | 16,8 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | 10,8 | 9,0 | 6,5 | 7,2 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | 1,1 | 0,9 | 1,2 | 6,6 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 2,2 | 2,2 | 2,2 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*